“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
д.и.и., профессор Асрорзода У.С.
____________________
«23» _______05_______ 2025 с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи докторанти PhD-и кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзӯи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсия дар мавзуи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) дар кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Ғафуров Сорбон Хушдилович, соли 2011 ба факултети туризм ва хадамоти гумрукии собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2015 зинаи бакалавриатро хатм кардааст. Соли 2017 ба зинаи магистратураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, соли 2019 онро бомуваффаққият хатм намудааст. Аз соли 2020 то 2024 ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии донишгохи мазкур кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2024 то инҷониб ба сифати омӯзгори калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат аз 25.12.2020, тахти рақами №6/7.16 мавзуи диссертатсияи докторанти PhD Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзӯи "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ҷабборов Фатҳулло Амриевич – номазади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муқарризони холис:**

Ҷурабоев Ғ. Ҷ.-д.и.и., профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ;

Мирзоалиев А. А. -д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати ДДТТ;

Каримова М. Т. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДБССТ.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзуи "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" чунин хулоса бароварда шуд.

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Рушди устувори иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии амиқ ноил шудан ба ҳадафҳои мутавозини мақсаднокро дар назар дорад, ки рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба дигаргуншавиҳои иқтисодии берунаро таъмин менамоянд. Ҳамзамон рушди соҳаҳои калидии иқтисодиёт бояд ба тавсияҳои стретегии илман асоснокшуда, ки аз ҷабҳаҳои институтсионалӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва инфрасохторӣ иборатанд, такя намоянд. Таъмини бехатарии иқтисодӣ аҳамияти хосро касб менамояд, зеро маҳз соҳаи саноат, ки қобилияти баланди афзояндагиро дорад, асоси афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, азнавшавии пойгоҳи технологӣ ва тавсеаи бозори дохилиро ташаккул медиҳад. Дар ин ҷо таъмини устуворӣ ва амнияти истеҳсолоти саноатӣ ба

омили низомсозе табдил меёбад, ки дурнамои дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таҳкими истиқлоли иқтисодии давлатро муайян карда метавонад.

Мавриди зикр аст, ки таъмини амнияти иқтисодӣ махсусан барои соҳаи саноат, рушди устуворро фароҳам месозад, аз ин рӯ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар ин росто як қатор тадбирҳои зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин,  яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рушди иқтисоди мамлакат соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. Соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар комилан сатҳи навро ба худ касб намуда, имрӯз яке аз фишангҳои асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ гардидааст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар самти пешбурди соҳаи саноат қарор дорад, таъмини амнияти иқтисодии он мебошад. Кафолати амнияти иқтисодӣ шарти калидии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи саноат, бaромад намуда, азнавсозии механизми таъмини он дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи таъхирнопазири замони мо маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок роҳандозӣ намудани низоми амнияти иқтисодӣ як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, инчунин стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳия ва қабул гардидаанд.

Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, барои суръатбахшии ин ё он фаъолият воситаву механизми мушаххасе лозиманд, ки низоми ягонаро ташкил дода, заминаҳои мусоиди инкишофро таъмин месозанд. Дар ин росто, дар Паём аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид, ки «...соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд. Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад».

Нишондиҳандаҳое, ки дар натиҷаи андешидани маҷмӯи чорабиниҳои ташкиливу стратегӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар самти соҳаи саноат ба даст омадааст, бозгӯйи онанд, ки сол ба сол ин соҳа инкишоф ёфта, сатҳи иқтисоди миллиро иқтидорнок намуда истодааст.

Дар баробари ин дар адабиёти иқтисодӣ масъалаҳои зиёди принсипҳои ташкили низоми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо мавҷуданд. Вале ҳоло ҳам воситаву механизмҳои самараноки татбиқи амалии онҳо ба таври зарурӣ коркард нагардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки рушди устувори истеҳсолоти саноати ватанӣ бевосита аз таъминоти самаранок ва саривақтии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ вобаста аст. Дар шароити афзоиши чолишҳои ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобат ва пайдо шудани таҳдидҳои иқтисодии нав мутахассисони корхонаҳоро мебояд, ки дар самти такмил ва азнавсозии механизми таъмини амнияти иқтисодӣ чораҳои маҷмӯиро роҳандозӣ намоянд. Дар ин маврид бояд ба татбиқи усулҳои инноватсионӣ, технологияҳои рақамӣ ва равишҳои муосири идоракунии хавфҳо аҳамияти махсус дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки таҳдидҳои иқтисодӣ саривақт ошкор, пешгирӣ ва кам карда шаванд.

Ҳамин тавр барои васеъ намудани миқёси истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва амалкарди устувори он дар шароити имрӯза ба назар мерасад, ки минбаъд механизми таъмини амнияти иқтисодии субъектҳои саноатӣ бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ бояд такмил дода шавад. Маҳз ин масъалаҳо муҳимият ва саривақтӣ будани мавзӯи таҳқиқотиро муайян менамоянд.

2. **Натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо маҳсуб меёбанд:** дар асоси таҳлил ва ба низом овардани равишҳои илмии олимони иқтисодчии ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф категорияи “таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ”-ро дақиқ намудааст, ки зери он ҳолати фаъолияти мӯътадил ва устувори амалкарди корхонаҳои саноатӣ, қобилияти амалӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ, муттасилӣ ва самаранокии раванди истеҳсолот, таъмини пардохтпазирӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди рақобатпазирии он дар шароити таъсири таҳдидҳо ва хатарҳои дохиливу берунӣ фаҳмида мешавад; омилҳои асосии таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ, аз ҷумла ноустувории низоми иттилоотӣ, технологияҳои кӯҳна, номукаммалии нақшаҳои амалкунанда ва дурнамо, ҳолатҳои фавқулода ошкор карда шуда, инчунин алгоритми арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи амнияти иқтисодӣ дар давраи муайян, ки ҷамъоварии пайдарпайи иттилоот, муайянсозии мушкилот ва таҳлили самаранокии фаъолияти корхонаро дар бар мегирад, асоснок карда шудааст; нишондиҳандаҳо ва таҳдидҳои асосии амнияти иқтисодии бахши саноат дар шароити ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ ба низом дароварда

шудаанд ва самтҳои афзалиятноки ислоҳоти институтсионалӣ ва инфрасохторӣ асоснок гардидаанд, ки фарогири зерсохторҳои молиявию қарзӣ, сармоягузорӣ, логистикӣ, фурӯш, иттилоотию маркетингӣ ва илмию технологиро буда, барои ташаккули модели маҷмуии ҳамкории байнисоҳавӣ, ки ба ҳавасмандгардонии раванди муосиргардонӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати коркарди кишвар замина фароҳам месозанд; механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатии Тоҷикистон бо дарназардошти консепсияи ҳамкории институтсионалии мутобиқшаванда ва низоми баҳодиҳии пешгирикунандаи таҳдидҳо тарҳрезӣ шуда, ба баланд бардоштани устувории технологӣ, ҳавасмандсозии фаъолиятҳои инноватсионӣ ва ташаккули низоми устувори дастгирии соҳавӣ равона шудааст.

Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум меёбад, ки ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертасионӣ ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шуда метавонанд.

**3. Баъзе тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот:**

1. Дар кори диссертатсионӣ асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат, механизм ва усулҳои нави дарстгирии давлатӣ пешниҳод гардидааст, ки ба рушди босуботи корхонаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд.

2. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда доир ба ошкоркунӣ ва рафъи омилҳои манфии калидӣ, ки садди роҳи рушди корхонаҳои саноати коркард мегарданд, самтҳои амалии таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд. Самтҳои мазкур дар доираи ташаккул ва таҳкими инфрасохтори мавҷудбуда баррасӣ гаштаанд, аз он ҷумла:

- инфрасохтори институтсионалӣ- такмили пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва механизми танзими давлатӣ, ки ба созмони муҳити мусоид барои фаъолият ва рушди корхона равона шудаанд;
- инфрасохтори сармоягузорӣ – ҳавасмандии ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва беруна ба соҳаи саноат бо мақсади азнавкунии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ;
- инфрасохтори молиявӣ-қарзӣ – таъмини дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди механизми қарздиҳии имтиёзнок ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ;
- инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ- оптимизатсияи равандҳои логистикӣ, рушди инфрасохтори расонидан, нигоҳдорӣ ва тақсимоти

маҳсулот, пасткунии хароҷот барои кашонидани молҳо;

• инфрасохтори истеҳсолӣ-фурӯшӣ - баланд намудани самаранокии равандҳои истеҳсолӣ, васеъкунии бозори фурӯш, такмили шабакаҳои тақсимот ва дастгирии логистикӣ;

• инфрасохтори иттилоотӣ-маркетингӣ – рушди низоми таҳлил, маркетинги рақамӣ ва дастгирии иттилоотии қарорҳои идоракунӣ дар асоси шароити бозор;

• инфрасохтори илмӣ-технологӣ - ҳамгироии дастовардҳои илмӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ, татбиқи инноватсия ва технологияҳои пешқадам, рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва технопаркҳо.

Татбиқи самтҳои овардашуда имкони ташаккул додани модели устувор, мутавозин ва мувофиқи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркардро фароҳам оварда, рақобатпазирӣ ва рушди устувори онҳоро дар шароити таҳдидҳои иқтисодии берунӣ таъмин менамояд.

3. Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда самтҳои асосии афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард муайян карда шудаанд, ки зарурати гузариш ба модели инноватсионӣ-индустриалии рушд, баланд бардоштани рақобатпазирии технологӣ ва устувории соҳаи истеҳсолотро инъикос менамоянд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда самтҳои калидии такмили механизми институтсионалии дастгирии давлатӣ муайян карда шудаанд, ки ба ҳавасмандгардонии раванди муосиргардонӣ ва тавсеаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд. Равиши таҳиянамудаи муаллиф бар асоси ҳамгироии муназзам ва ҳамоҳангшудаи талошҳои субъектҳои гуногун — мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин созмонҳои ҷамъиятӣ — бунёд ёфтааст, ки имкони ташкили модели чандунсура ва мувофиқашударо фароҳам месозад. Чунин сохтори институтсионалӣ ҳамаи унсурҳои зарурӣ, аз ҷумла дастгирии ҳуқуқӣ, сармоягузории молиявию иқтисодӣ, ҳамкориҳои илмию технологӣ ва рушди захираҳои инсониро дар бар мегирад. Механизми мазкур ба рафъи монеаҳои институтсионалӣ, фароҳамсозии дастрасӣ ба захираҳо ва ташкили шароити мусоид барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва густариши нерӯи инноватсионӣ мусоидат менамояд. Дар дурнамои дарозмуддат, модели мазкур ба таъмини рушди устувор ва тағйирёбии амиқи сохтории бахши саноатии иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст

4. Дар доираи тадқиқот модели муаллифии механизми ташкиливу иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои соҳаи саноати

коркард пешниҳод гардидааст, ки ба дигаргунсозиҳои инноватсионию экологӣ дар муҳити истеҳсолот нигаронида шудааст. Татбиқи механизми мазкур ба таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намуда, равандҳои муосиргардониро дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол месозад.

### 4. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D0501000 Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мувофиқат мекунад:

12.3. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он

12.6. Самтҳои консептуалӣ ва стратегии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ, меъёрҳои амнияти иқтисодӣ.

12.7. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра).

12.10. Механизимҳо ва абзорҳои ташкили низоми самараноки амнияти иқтисодӣ.

12.16. Сиёсати сохторӣ ва амнияти иқтисодӣ (методология, методҳо, механизмҳо ва абзорҳо).

12.17. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии амнияти иқтисодӣ (назарияи методологӣ ва амалия).

12.21. Рушди методологияи таҳияи доктринаи амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида (озуқа, энергетика, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғ).

### 5. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар кишвар алоқамандӣ дошта, дар таҳия ва асосноккунии илмии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ифода меёбад, ки дар заминаи муайянсозии муназзами таҳдидҳо, идоракунии стратегӣ ва татбиқи тадбирҳои зиддибуҳронии пешгирикунанда бо ҳадафи таъмини фаъолияти устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити рушди босуръати инноватсионӣ ва технологии иқтисоди миллии кишвар амалӣ карда мешавад.

**6. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 23 кори илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд, инҳоянд:

## ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯ:

**а) Интишор дар нашрияҳое, ки ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои асосии тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидаанд:**

[1-М]. Ғафуров С. Х. Асосҳои назариявии механизми идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон – Душанбе, 2021. - № 1(44), Ч.II, С. 135-143

[2-М]. Ғафуров С. Х. Методҳои идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4 (43) . – С. 157-165

[3-М]. Гафуров С. Х. Концептуальные основы инновационной деятельности [Текст] / Ғафуров С. Х., Рахимов А.А.//Финансово-экономический Вестник Таджикский государственный финансово-экономический университет - Душанбе, 2022. - №3 (32). – С. 237-243

[4-М]. Ғафуров С. Х. Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №7. – С. 149-157

[5-М]. Ғафуров С. Х. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №2 (43) . – С. 157-165

[6-М]. Ғафуров С. Х. Ҷанбаҳои методии арзёбии амнияти иқтисодии соҳаи саноат [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии

тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №4/1 (54) . – С. 120-128

[7-М]. Мирсаидов С.А., Ғафуров С. Х. Такмили сиёсати саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт [Матн] / Мирсаидов С.А., Ғафуров С. Х. // Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе, 2024. - №4.1 (43) . – С. 70-80

[8-М]. Ғафуров С. Х. Имкониятҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити рушди инноватсионӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - №1 (56) . – С. 108-117

*б) дар дигар нашрияҳо:*

[9-М]. Ғафуров С. Х. Нақши инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (10.04.2020). – Душанбе, 2020. - С.399-404.

[10-М]. Ғафуров С. Х. Рушди технологияҳои инноватсионӣ дар саноатикунонии босуръат. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Танзими давлатии санотикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (30.09.2020). – Душанбе, 2020. - С.22-26

[11-М]. Одиназода К. С., Ғафуров С. Х. Ҳадафҳои стратегии саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ. [Матн] / Одиназода К, С., Ғафуров С. Х. // Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор; таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (13.10.2020). – Душанбе, 2020. - С.204-209

[12-М]. Гафуров С. Х., Наджмиддинзода А, Давлатов А. Концептуальные подходы исследования инноваций. [Текст] / Гафуров С. Х., Наджмиддинзода А, Давлатов А. // Индустриально-инновационное развитие экономики Республики Таджикистан; состояние, проблемы и перспективы. Материал республиканскую научно-практическую конференцию. (26.12.2020). – Душанбе, 2020. - С.147-151.

[13-М]. Ғафуров С. Х. Фаъолияти инноватсионӣ ва нақши он дар рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Методҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (03.04.2021). – Душанбе, 2021. - С.52-56.

[14-М]. Ғафуров С. Х. Механизми дастгирии давлатии инкишофи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти

рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (28.05.2022). – Душанбе, 2022. - С.90-96.

[15-М]. Гафуров С. Х. Развитие механизма ускоренной индустриализации в условиях перехода к цифровизации в Республике Таджикистан. [Текст] / Гафуров С. Х. // Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны. Материалы международной научно-практической конференция. (29. 05. .2022). – Душанбе, 2022. - С.298-304

[16-М]. Ғафуров С. Х. Арзёбии вазъи муосири идоракунии давлати рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. . Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (25.11.2022). – Душанбе, 2022. - С.532-535.

[17-М]. Ғафуров С. Х. Такмилдиҳии механизми инноватсионии танзими давлатии ҳолатҳои бӯҳронӣ дар корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Танзими давлатии зиддибӯҳронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар. . Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (26.09.2022). – Душанбе, 2022. - С.29-33

[18-М]. Ғафуров С. Х. Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Қудрати забони модарӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ. . Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (18.02.2023). – Душанбе, 2023. - С.247-250

[19-М]. Ҷабборов Ф. А., Ғафуров С. Х. Роҳҳо ва равишҳои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Матн] / Ҷабборов Ф. А., Ғафуров С. Х. // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (27.05.2023). – Душанбе, 2023. - С.5-10

[20-М]. Ғафуров С. Х. Баҳодиҳии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикуонии босуръат. Маводи конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ . (31.05.2024). – Душанбе, 2024. - С.146-150

[21-М]. Ғафуров С. Х. Методҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар

соҳаи саноат. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (24-уми октябри соли 2024) ш. Душанбе, саҳ 230-233

[22-М]. Гафуров С. Х. Развитие механизма обеспечения экономической безопасности предприятий при внедрения цифровых технологии. [Текст] /Гафуров С. Х.// Материалы международной научно-практической конференции на тему”Государственное управления индустриально-инновационым развитием промышленных предприятий в условях цифровизации экономики Республики Таджикистан” (24 октября 2024 года ) г. Душанбе, стр 49-54

[23-М]. Ғафуров С. Х. Ташаккули механизми иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар таъмини амниятии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С. Х.// Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Менеҷменти асри XXI: мушкилот ва дурнамои рушд” (31-уми октябри соли 2024) ш. Душанбе, саҳ 315-319

## 7. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Хулосаҳо ва пешниҳодоти натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи чораҳо оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади №15-92 аз 15. 05, 2025) истифода шуданд.

Ҳамчунин, тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда, дар ҷараёни таълим, дар факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамчун воситаи методӣ истифода (Санади №086 аз 13. 05. 2025) бурда шудаанд.

## 8. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба ташкили низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати коркарди пуриқтидор ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ барои корхонаҳои саноати коркарди кишвар таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои ташаккули низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ дар

корхонаҳои бузурги саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзӯи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ), тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ Ҷабборов Фатҳулло Амриевич, баромади муқарризон Ҷурабоев Ғ. Ҷ.- д.и.и., профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ, Каримова Т.Ҳ. - н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДБССТ, Мирзоалиев А.А. -д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Ғафуров Сорбон Хушдилович ҷаласаи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзӯи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Ғафуров Сорбон Хушдилович дар мавзӯи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст,

барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии имҳои Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок 18 нафар доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст.

тарафдор 18- нафар

зид-нест

бетараф-нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 20 уми майи соли соли 2025, бо с/м №9 тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи
Идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ,
н.и.и., дотсент Султонзода Ҷ.У.

**Котиби ҷаласа:** устоди калони кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ Нуров Н. Қ.

**Имзоҳои Султонзода Ҷ.У. ва**
**Нуров Н.Қ.-ро тасдиқ мекунам**

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш. Н.